Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

УДК: 159. 9 (575. 3)
ББК: 88. 6 (2 Т)
Ғ: - 94

**ҒУЛОМЗОДА САБЗАЛИ ЭМОМАЛИ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ЗОҲИРШАВИИ АГРЕССИЯ ДАР РАФТОРИ НАВРАСОН ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ КАРДАНИ ОНҲО

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 - Психология (6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ)

Душанбе – 2025

Диссертатсия дар кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ** | **Раҷабзода Насим Мирзохудоӣ** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Назаров Акмал Мардонович** – доктори илмҳои психологӣ, профессори кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро<br>**Зайтметов Хусайн Авазхонович** - номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Дониш-гоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ |

Ҳимоя санаи «07» уми феврали соли 2025, соати «10:00» дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» _________ соли 2026 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои психологӣ, дотсент** **Сафарзода З.Р.**

## Муқаддима

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дигаргуншавии тезутунди вазъи сиёсву иқтисодӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, бархурдҳои хунину харобиовар дар нуқтаҳои гуногуни сайёра, паст шудани сатҳи таҳаммулпазирӣ миёни намояндагони қавму фарҳангҳо ва динҳои мухталиф, зиёд гаштани миқдори қонунвайронкуниҳо аз ҷониби наврасону ҷавонон – ин маҷмуи нотамоми муаммоҳои инсоният дар давраи кунунии таърихӣ маҳсуб меёбад.

Тоҷикистони соҳибистиқлол чун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таъсири  раванҳои болозикр канора буда наметавонад. Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ки Тоҷикистон як ҷузъи таркибии он буд, шикасти арзишҳои одатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он ба мафкураи насли наврас бетаъсир намонд. Зуҳуроти номатлуби “сарварӣ” дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мунокишаҳои наврасони муассисаҳои таълимии гуногун миёни ҳам, ки баъзан ҳатто ба ҷароҳат бардоштан ва марги иштирокчиёни он анҷом мепазирад, зиёд гардидани сафи наврасони ҷиноятпеша – аз масъалаҳои ҳалталаб мебошанд, ки назди ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистони тозаистиқлол қарор доранд.

Дар қаринаи муаммоҳои мазкур таҳқиқу омӯзиши сарчашмаҳои хушунату зӯроварӣ дар инсон, омӯзиши дақиқ ва ошкор сохтани қонуниятҳои ташаккулу рушди зуҳуроти мазкур мубрамияти хоссаро касб мекунад. Ин ба мо имкон медиҳад, то саривақт эътино намуда, ин зуҳуроти номатлубро пешгирӣ намоем.

**Сатҳи пажуҳиши мавзуъ.** Яке аз зуҳуроти муҳимми психологӣ, ки метавонад  омили бавуҷудоӣ ва шаклгирии амалҳои зӯроварона ва рафтори девиантӣ дар кӯдакону наврасон бошад, агрессия маҳсуб меёбад. Дар илми психология агрессия гуфта,  хислатҳои шахсро дар назар доранд, ки дар истифодаи зӯровариҳои психологию

ҷисмонӣ бaҳри расидан ба мақсад  ифода меёбанд [7, с.54].

Таҳқиқотчиёне, ки мушкили агрессияро аз дидгоҳҳои гуногун баррасӣ кардаанд, ба ҷанбаҳои зерин таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд: таҳия ва дақиқсозии мафҳумҳои «агрессия» ва «агрессивнокӣ», муайян намудани вазифаҳои ин падида, омилҳои биологӣ ва иҷтимоии инкишофи он, шароите, ки зуҳури онро муайян мекунад, инчунин хусусиятҳои шахсӣ ва синнию ҷинсии зуҳури рафтори агрессивӣ ва роҳҳои пешгирии он (П.В. Агапов [2]., А. Адлер [4], З. Фрейд [43], Э. Фромм [44], В.Г Ананев [4],  Н.М. Раҷабов [30], Б.Х. Саидзода [34], З.Р. Сафарова [36], М.Д. Комилова [19],  Н.Ф. Абдурашитов [1].  ва диг.).

То имрӯз дар илми психология пойгоҳи васеи таҳқиқотӣ фароҳам оварда шудааст, ки нақши оила ва муносибатҳои волидайну кӯдакро дар ташаккули рафтори агрессивӣ, ҳамчунин таъсири усулҳои тарбиявӣ, бахусус ҷазо доданро ба инкишофи агрессия дар кӯдак ошкор месозад. Муайян гардидааст, ки зуҳуроти агрессия дар давраи наврасӣ аксаран хусусияти синнусолӣ дошта, одатан ба муносибатҳои иҷтимоии наврас бо атрофиён таъсири ҷиддӣ намерасонад (А.А. Булгаков [9], Э.Г. Вагенес [10], Г. Зубова [15], А.А. Коренева [20], Н.И. Коритченкова [21], В.С. Мухина [26], Д.Я. Райгородский [28], Е.М. Рахковская [32], Р.Скиннер [38], Л.М. Семенюк [37], И. А. Фурманов [45].)

Мавзуи агрессия ва агрессивнокии инсон дар адабиёти илмии хориҷӣ васеъ таҳқиқ шудааст. Миқдори зиёди консепсияҳои назариявӣ ва таҳқиқотҳои таҷрибавие, ки дар ин самт анҷом дода шудаанд, аз зарурати омӯзиши мушкилоти рафтори агрессивӣ дар кӯдакон ва наврасон, инчунин аз сабабҳо ва омилҳое, ки ба инкишофи он мусоидат мекунанд, шаҳодат медиҳанд. А. Бандура ва Р. Уолтерс дар таҳқиқоти худ ба нақши волидайн ва сабки муоширату муносибати онҳо дар ташаккули рафтори

агрессивии кӯдак диққати махсус додаанд. Дар таҳқиқоти ин олимон ҳамчунин робитаи байни зӯроварӣ ва рафтори девиантии кӯдак муайян карда шудааст. Дар таҳқиқоти Д. Коннор бошад, иртиботи байни агрессия ва зеҳн ошкор шудааст. Ӯ ҳамчунин фарқиятҳои гендериро дар зуҳури агрессияи кӯдакон ва наврасон мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Анъанаи аз нуқтаи назари генетикӣ ё иҷтимоӣ шарҳ додани зуҳуроти психологӣ ба таҳқиқи масъалаи агрессия низ таъсир гузошт. Аз рӯйи ин маҳак назарияҳои мавҷударо дар мавриди агрессия ва агрессивнокӣ шартан ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: гурӯҳи якум назарияҳоеро фаро мегирад, ки дар онҳо агрессивнокӣ ҳамчун хосияти модарзодӣ, ғаризавии фард маънидод карда мешавад (Ч.Дарвин [12], Ч.Ломброзо [24], К.С. Лебединская [23], З. Фрейд [43]. Гурӯҳи дуюмро консепсияҳое ташкил медиҳанд, ки агрессияро ҳамчун хусусияти бадастовардашудаи рафтор баррасӣ мекунанд (Л. Берковитс [7], И.А Фурманов [45],).

Тайи солҳои охир ҷанбаҳои зерини масъалаи агрессивнокии кӯдакона ва наврасӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд: омӯзиши сабабҳои биологии агрессивнокӣ ва инчунин нақши оила ва муносибатҳои оилавӣ дар ташаккули рафтори агрессивӣ (Н. Ф.Абдурашитов [1]., З. Р. Сафарова [36]., А.И. Захаров [14], А.М. Прихожан [27] ҷустуҷӯйи роҳҳои ислоҳи тамоюлҳои эмотсионалӣ, душвориҳо дар рафтор, аз он ҷумла, рафтори агрессивӣ (С. Қодиров [17]., Н.М. Раҷабов [30]., Б.Х. Саидзода [34]. Н. Абдурашитов [1], А.И. Захаров [14]); хусусияти рафтори агрессивии хонандагони гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ ва ҷинсӣ (Реан А. Семенюк Л.М.); омӯзиши хусусиятҳои психологии наврасоне, ки даст ба ҳуқуқвайронкунӣ мезананд (Н.Ф. Абдурашитов [1], Н.М. Раҷабов [30], Л.Н. Собчик [39], Д.И. Фелдштейн [40]);

таъсири расонаҳо ба рушди рафтори агрессивии кӯдакону наврасон (С. Н. Ениколопов, С. Л. Колосова); таҳқиқи хусусиятҳои рафтори агрессивӣ дар кӯдакони синни то мактабӣ (О.Н. Истратова, С. Л. Колосова).

Таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки айни замон таҳқиқоти ҳадафманд дар самти муайян намудани хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори кӯдакону наврасон ва роҳҳои пешгирии он мавҷуд нестанд. Дар робита ба ин мо **мухолифатҳои** зеринро дар масъалаи мавриди назар ошкор сохтем:

• *дар сатҳи иҷтимоӣ-психологӣ* – миёни талаботи ҷомеа ба кӯдакону наврасони аз лиҳози психологӣ солиму устувор ва мавҷудияти тамоюл ба агрессивнок гардидани онҳо;

• *дар сатҳи илмӣ* – миёни зарурат ба мавҷудияти асосҳои илман собитгардидаи кор бо наврасони агрессивнок ва мавҷуд набудани таҳқиқоти системанок дар самти мазкур.

Кӯшиши ҳал намудани ихтилофҳои мазкур **проблемаи** таҳқиқи моро муайян намуд, ки дар ошкор сохтани хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар наврасон ва ҷустуҷӯйи роҳҳои пешгирии он ифода меёбад. Проблемаи таҳқиқ бошад, дар навбати худ мавзуи таҳқиқро муайян намуд: "Хусусиятҳои зоҳиргардии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирии он".

**Иртиботи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар чорчӯбаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои психологии рушди ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ равона шудааст, таҳия ва иҷро гардид.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади таҳқиқро ташхис ва муайян намудани хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани он ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқ:** Вобаста ба мақсад ва фарзияи таҳқиқ, мо дар назди худ чунин вазифаҳоро гузоштем:

1. Омӯзиш ва таҳлили адабиёти психологӣ, иҷтимоӣ,педагогӣ ва дигар соҳаҳои марбут ба масъалаи таҳқиқ:

2. муайян ва ошкор кардани хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон;

3. таҳқиқи вазъи кунунии омӯзиши хусусиятхои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ намудани он дар муассисаҳои таълимӣ;

4. муайян намудани хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон;

5. таҳқиқ ва ошкор кардани алоқамандии агрессия бо дигар хусусиятҳои психологӣ (экстроверсия, нейротизм, дурӯғгӯии ва ростгӯӣ);

6. коркарди тавсияҳои илмӣ барои истифодаи омӯзгорон ва волидон ҷиҳати роҳҳои пешгирӣ намудани рафтори агрессивӣ дар наврасон.

**Объекти таҳқиқ -** хусусиятҳои психологии зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон.

**Предмети таҳқиқ** – баэътибор гирифтани хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгири намудани он.

**Фарзияҳои таҳқиқ:** Вобаста ба мақсад, объект ва предмети таҳқиқ мо фарзияҳои зеринро пешниҳод кардем:

1. Рафтори агрессивӣ дар наврасон хусусиятҳои ҷинсӣ дошта, дараҷаи зоҳиршавии он дар писарон нисбат ба духтарон балантар аст.

2. Миёни агрессия ва экстроверсия робитаи аз лиҳози оморӣ муҳим вуҷуд дорад.

3. Миёни агрессия ва нейротизм робитаи аз лиҳози оморӣ муҳим вуҷуд дорад.

4. Миёни агрессия ва дуруғгӯию ростгӯӣ робита вуҷуд дорад.

5. Зоҳиршавии агрессия аз махсусияти муассисаи таълимӣ вобаста аст.

**Марҳилаҳо, макон ва давраи таҳқиқ.** Таҳқиқ мо аз се марҳила иборат аст:

**Марҳилаи аввал** (солҳои 2020-2021) марҳилаи омӯзишӣ буда, дар он зимни таҳлилу баррасии адабиёти марбут ба проблема, мавзуъ ва объекти таҳқиқ муаян карда шуданд, асосҳои методологӣ ва назарии таҳқиқ муайян карда шуданд.

**Марҳилаи дуввум** (солҳои 2021-2023) марҳилаи озмоишӣ буда, дар он муассисаҳои озмоишӣ ва гурӯҳҳои озмоишӣ муайян карда шуданд, методикаҳои таҳқиқ интихоб ва гузаронида шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқ гирдоварӣ гардиданд.

**Марҳилаи севум** (2023-2024) марҳилаи ҷамъбастӣ маҳсуб ёфта, дар он тавассути методҳои коркарди оморӣ маълумоти бадастомада таҳлилу коркард шуда, натиҷаҳои мушаххас ба даст омаданд. Дар ин марҳила инчунин таҳлили психологии натиҷаҳои бадастомада, санҷиши фарзияҳои таҳқиқ, таҳияи хулоса ва тавсияҳо анҷом дода шудаанд.

**Асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ -** маҷмуи методҳои умумии илмӣ ва соҳавӣ, инчунин принсипҳои таҳлили системавии зуҳуроти психикӣ, роҳёфти байнифаннӣ дар доираи илмҳои инсоншиносӣ ва роҳёфти омӯзиши маҷмуаи зуҳуроти психикӣ ташкил медиҳанд. Қисми амалии тадқиқот дар принсипи ташхиси комплексии хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ, сифатҳои психофизиологӣ ва хусусиятҳои фардии наврасон асос мееёбад. Дар таҳқиқ методҳои умуминазарӣ (таҳлили адабиёт, омӯзиши маҳсули фаъолият), эмпирикӣ (мушоҳида, таҳлили ҳуҷҷатҳо, суҳбат), ташхисӣ (тестгузаронӣ) истифода бурда мешаванд, ки ягонагии ташхиси психологиро таъмин менамоянд. Дар рафти таҳқиқ методикаҳои бисёромилаи ташхиси шахсият ва методҳои ташхиси хусусиятҳои психофизиологӣ истифода гардиданд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои асосӣ барои анҷом

додани ин таҳқиқро илмӣ, таълимоти муҳаққиқони маъруфи рус ба монанди Б.Г. Ананев, С.А. Беличева, А.Д. Гонеев, А.В. Гордиева, А.В. Мудрик, З.А. Раевская, Н.Н. Савина, Д.И. Фелдштейн ва асарҳои олимони ватанӣ аз қабили А.Х. Қучқоров, С.О. Юсупова, Ю.А. Қурбонов, М.Л. Лутфуллоев ва дигарон, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқ.** Пойгоҳи таҳқиқи мо литсейҳо ва мактабҳое ташкил доданд, ки дар чор ноҳияи шаҳри Душанбе ҷойгиранд, аз ҷумла, МДТ литсейи №4 ва МТМУ №35-и ноҳияи Шоҳмансур, гимназияи №4 ва МТМУ №42-и ноҳияи Фирдавсӣ, литсейи №5 ва МТМУ №6-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ, литсейи № 2 ва МТМУ №92-и ноҳияи Сино. Теъдоди умумии хонандагони муассисаҳои таълимии мазкур зиёда аз 10000 нафарро ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии тадқиқ** аз инҳо иборат аст:

- бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташхис, таҳлили психологӣ ва арзёбии сабабҳо ва омилҳои иҷтимоию психологии рафтори агресивии наврасон анҷом дода шуд;
- мундариҷаи истилоҳи «рафторҳои агрессивии наврасон» баррасӣ ва дақиқ карда шуд ва хусусиятҳои хоси он муайян гардиданд;
- дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти умумии муосири Тоҷикистон омилҳои асосии зоҳиршавии агрессияи наврасон муайян карда шуд;
- дар асоси маълумоти аз таҳқиқ бадастомада намудҳои рафтори агрессивии наврасон муайян гардида, сабабҳо ва хусусиятҳои зуҳуроти он ва роҳҳои пешгирӣ намудани он муайян карда шуданд;
- тарзу усулҳои назарию амалии пешгирӣ намудани рафтори агрессивӣ дар байни наврасону ҷавонон коркард гардиданд;

- робитаи агрессия бо чунин зуҳуроти психологӣ:экстроверсия, нейротизм, дурӯғгӯйӣ, ростгӯйӣ ошкор карда шуд;
- хусусиятҳои ҷинсии рафтори агрессивӣ аз лиҳози оморӣ асоснок карда шудаанд;
- робитаи аз лиҳози оморӣ муҳим миёни агрессия ва шакли муассисаи таълимӣ собит гардид.

**Нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нукоти зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Агрессия рафторест, ки мақсади он расонидани зарар ба ягон объект буда, ба меъёрҳо ва қоидаҳои дар ҷомеа қабулгардидаи рафтор мухолифанд.
2. Дар раванди гузаронидани корҳои ислоҳӣ бо наврасони агрессивӣ зарур аст, ки пайдарҳамии муайяни амалҳо риоя карда шавад, ки аз унсурҳои зерин иборатанд: бар асоси алоқаи аввалини дуруст бо кӯдак эҳсоси эътимод ба мутахассисро дар ӯ ташаккул додан; қабули ҳамдардона ва ором кардани кӯдак; муайян намудани стереотипҳои патологии кӯдак дар муносибат бо худ ва пас аз он бартараф кардани онҳо, ки ин ба қабули худ оварда мерасонад; ташаккул, рушд ва тақвияти маҳоратҳое, ки ба равандҳои шаклгирии рафтори адаптивӣ мусоидат мекунанд.
3. Агрессияи кӯдакон ва наврасон хусусияти ҷинсӣ дошта, дар намояндагони ҷинсҳои гуногун ба таври мухталиф зоҳир мегардад: дар писарон сатҳи агрессивнокӣ назар ба духтарон баландтар аст.
4. Миёни зоҳиршавии рафтори агрессивӣ дар наврасон ва шакли ташкили таълим ва муассисаи таълимӣ робитаи аз лиҳози оморӣ фарқкунанда мавҷуд аст: сатҳи агрессивнокӣ миёни наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба литсею гимназияҳо баландтар аст.

5. Миёни агрессия ва экстроверсия робитаи аз лиҳози оморӣ фарққунанда мавҷуд аст: ҳар қадар сатҳи экстроверсия боло бошад, рафтори агрессивӣ низ бештар ба назар мерасад.

6. Миёни агрессия ва нейротизм робитаи аз лиҳози оморӣ фарққунанда мавҷуд аст: ба ҳар андоза нейротизм камтар бошад, сатҳи агрессия ҳамон қадар коҳиш меёбад.

7. Миёни агрессия ва чунин зуҳуроте ба монанди дурӯғгӯйӣ ва ростгӯйӣ робитаи аз лиҳози оморӣ муҳим мавҷуд аст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки он хусусияти байнисоҳавӣ дорад ва натиҷаҳои дар рафти таҳқиқ бадастомадаро дар таҳқиқи минбаъдаи мавзуъ дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқ метавон барои коркарди курсҳои таълимӣ ва навиштани дастуру китобҳои дарсӣ оид ба масъалаи мазкур, ҳангоми омода кардани лексияҳо ва курсҳои махсус доир ба масъалаи таҳқиқи мазкур ва дар вақти тадриси фанҳои психологӣ ва ғайра истифода кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** риояи принсипҳои методологии гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, асоснокии мавқеъҳои заминавии назарӣ, таҳлили дастовардҳои муосири илми психология аз рӯйи мавзуи мавриди назар, интихоби методҳои боэътимоти таҳқиқотӣ ва истифодаи методҳои таҳлил ва коркарди омории натиҷаҳои бадастомада таъмин менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ, аз ҷумла: ба *банди* 2 – қонуниятҳои муошират ва баҳамтаъсиррасонии одамон; тарафи иртиботии муошират (хусусиятҳои хоси робитаҳои байни одамон; намудҳои иртибот; воситаҳо: иртиботи шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ; самаранокии раванди иртиботӣ;

хусусиятҳои иртиботи оммавӣ); хусусиёти иҷтимоӣ-психологии низоъҳои иҷтимоӣ ва байнишахсӣ; *банди* 3 – Психологияи иҷтимоии гурӯҳҳо: гурӯҳ ҳамчун предмети таҳқиқоти психологияи иҷтимоӣ; таснифоти гурӯҳҳо; психологияи муносибатҳои байнигурӯҳӣ (механизмҳои идроки байнигурӯҳӣ; самаранокии фаворитизми дохилигурӯҳӣ ва табъизи байнигурӯҳӣ); *банди* 4 – Психологияи иҷтимоии шахс: хусусиятҳои раҳёфти иҷтимоӣ-психологӣ ба фаҳмиши шахс; таносуби шахс ва гурӯҳ дар психологияи иҷтимоӣ; Ман-консепсия ҳамчун натиҷаи рушди иҷтимоии шахс; ҳувияти иҷтимоӣ ва шахсиятӣ ва худмуайянкунии ҳаётӣ; раванди иҷтимоишавӣ дар шароитҳои тағйирёбии ҷаҳон; *банди* 5- Воситаҳои амалии психологияи иҷтимоӣ: соҳаи муносибатҳои оилавӣ ва тарбия; хусусиятҳои таҳқиқот ва корҳои амалии иҷтимоӣ-психологӣ дар шароитҳои тағйироти иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии диссертанти дараҷаи илмӣ**. Саҳми шахсии диссертант аз он иборат аст, ки мақсад, вазифаҳо, объект ва масъалаи таҳқиқ муайян намуда, масъалаҳои мубрами таҳқиқ матраҳ сохта, иттилооти ба даст овардаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Таҳлили назарию методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи пешниҳодшуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро фаро мегиранд, маҳз натиҷаи таҳқиқи мустақилонаи диссертант маҳсуб мегарданд. Инчунин, хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешниҳод карда мешаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар таърихи 27-уми феврали соли 2025, протоколи таҳти №7/1 муҳокима гардида, он пас аз ислоҳи эродҳои ҷойдошта ба ҳимоя

пешниҳод карда шудааст.

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок ва суханронӣ намудааст, аз ҷумла:

1. Ғуломзода С.Э. "Тафовутҳои гендерӣ дар агрессия ва муносибати он бо экстраверсия ва невротизм дар хонандагони синфи 9" [Матн] / С.Э. Ғуломзода // Маводи конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи "Актуальные проблемы языкознания и литературоведения в современном времени" (ш. Душанбе 23-24 декабри с. 2022). – Душанбе, 2022. – С. 380-383

2. Ғуломзода С.Э. "Муайян кардани хусусиятҳои агрессивӣ дар байни хонандагони синфи 9" [Матн] / С.Э. Ғуломзода // Маводи конфренсияи ҷумҳуривии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир" (ш. Душанбе, 31 марти с. 2023). – Душанбе, 2023. – С. 232-238

3. Проблема повышения эффективности личностного и профессионального совершенствования будущего учителя. Маводди конференсияи илмӣ-амалии умумидонишгоҳии "Масъалаи рушди илми психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон" (Хуҷанд-2018).

**Сохтор ва хаҷми диссертатсия.** Таҳқиқ диссертатсионӣ аз бахши муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, номгӯйи адабиёт ва феҳристи интишороти илмии дисертатсия илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии рисолаи илмӣ аз 164 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, 14 ҷадвал ва 88 диаграммаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 150 номгӯйро фаро мегирад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Муқаддимаи** таҳқиқи диссертатсионӣ ба асоснок кардани мубрамияти мавзуи мавриди таҳқиқ,

муайяннамудани мақсад, объект, мавзуъ (предмет) ва методҳои таҳқиқ, равшан намудани вазифаҳо ва фарзияҳои таҳқиқ, нишон додани асосҳои методологӣ ва назарию амалии таҳқиқ, тасвияи навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои муҳими ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тасвиб ва амалигардонии натиҷаҳои таҳқиқ бахшида шудааст.

Боби якуми диссертатсия **“Омӯзиши падидаи агрессия дар илми психология ва илмҳои ба он алоқаманд”** ба таҳлили назарии заминаҳои пайдоиши агрессия дар синни наврасӣ, омилҳои рушди он, роҳҳои ислоҳнамоӣ ва пешигирӣ намудани рафтори агрессивӣ дар наврасон бахшида шуда, аз ду зерфасл иборат аст.

Дар зерфасли аввали боби болозикр **“Агрессия: муайян намудани ҳудуди рафтори агрессивӣ дар наврасон”** агрессия, пеш аз ҳама, ҳамчун як шакли муайяни рафтори инсон баррасӣ мегардад. Истилоҳи «рафтор» барои ифодаи намудани дараҷаи фаъолияти инсон васеъ истифода гардида, аз ҷузъҳои зоҳирӣ, ба монанди ҳаракат, амал, изҳорот, аксуламалҳо ва ҷузъҳои дохилии рафтор, аз қабили ҳавасмандкунӣ ва гузоштани ҳадаф, равандҳои маърифатӣ, аксуламалҳои эмотсионалӣ, равандҳои худтанзимкунӣ иборат мебошад. Яке аз хислатҳои муҳимтарини рафтори инсон ин аст, ки он иҷтимоӣ аст – дар ҷомеа ташаккул меёбад ва амалӣ мегардад. «Дар сатҳи фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншудаи инсон истилоҳи «рафтор» инчунин амали инсонро нисбат ба ҷамъият, одамони дигар ва олами объективӣ ифода мекунад, ки аз ҷиҳати танзими онҳо бо меъёрҳои ҷамъиятии ахлоқ ва ҳуқуқ ба назар гирифта мешавад. Ба ин маънӣ, масалан, дар бораи рафтори баланди ахлокӣ, ҷиноятӣ ва сабукфикрона истифода мешавад. Воҳидҳои рафтор амалҳое мебошанд, ки дар онҳо мавқеи шахс, эътиқоди ахлоқии ӯ ташаккул ёфта, дар айни замон ифода меёбад· *Рафтори агрессивии наврасон*

яке аз масъалаҳои ҷиддии ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Марҳалаи наврасӣ ба давраи хоси буҳронии онтогенез тааллуқ дошта, бо рушди босуръати психофизиологӣ, ноустувории эмотсионалӣ, импулсивӣ, ҳассосияти баланд ва осебпазирии махсус нисбат ба таъсири муҳити иҷтимоӣ фарқ мекунад. Истифодаи мафҳуми *«буҳрон»* нисбат ба давраи наврасӣ на танҳо шиддатнокӣ ва душвории гузариш аз кӯдакӣ ба камолотро ифода мекунад, балки барои шарҳи хусусиятҳои рафтори агрессивии наврасон низ аҳаммият дорад. Агрессивнокӣ як ҷузъи рафтори муқаррарӣ мебошад, ки дар робита бо ангезаҳои гуногун ва дар шаклҳои гуногун барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаётан муҳим ва рафъ ё бартараф кардани ҳама гуна монеа дар зӯроварии ҷисмонӣ ва ё равонӣ, ки ба нигоҳдории худ ва нигоҳдории намуд мусоидат мекунад, сурат мегирад. Барои баррасии амиқ ва дақиқи ин падида зарур аст, ки навъҳои он муайян карда шавад. Тафовути сохтории рафтори агрессивӣ аз ҷиҳати сифат ва сатҳ хусусиятҳои хосро муайян мекунад, ки дар стратегияҳои устувори рафторӣ – яъне навъҳои рафори агрессивӣ – таҷассум меёбанд. Бар асоси ин типология, муаллифон зоҳиршавӣ, самт, вазнинӣ, дараҷаи идоракунии амалиёти агрессивӣ ва дигар хусусиятҳои он ба таҳлил фаро гирифта мешаванд.

Дар зерфасли дуюми боби аввал **“Назарияҳои олимон оид ба агрессия – омилҳои ирсӣ ва иҷтимоии рафтори агрессивӣ”** таърихи таҳқиқи масъалаи агрессия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Назарияҳои мухталифи олимон сабабҳо ва механизми агрессияро аз нуқтаи назари гуногун ҷустуҷӯ мекунанд. Як гурӯҳи муҳаққиқон онро бо ангезаҳои инстинктивӣ ва хусусиятҳои биологӣ пайваст медонанд, дигарон рафтори агрессивиро ҳамчун ҷавоби мустақим ба руҳафтодагӣ шарҳ медиҳанд ва гурӯҳи сеюм онро натиҷаи равишҳои

омӯзиши иҷтимоӣ мешуморанд. Ҳамзамон, дар доираи ҳар як равиш тағйирот ва вариантҳои зиёде мавҷуданд. Гарчанд ки ин назарияҳо аксар вақт рақобаткунанда ва баъзан ҳамдигарро истиснокунанда дониста мешаванд, маълумотҳои таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки ҳар як назария ба андозае ҳақиқат дорад, ки ин бо фарогирӣ ва бисёрҷанба будани падидаи агрессия мувофиқат мекунад.
Зимнан назарияҳоро аз рӯйи мавқеи олимон оид ба табиати агрессия ва омилҳои рафтори агрессивӣ шартан ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: гурӯҳи якум назарияҳоеро фаро мегирад, ки дар онҳо агрессивнокӣ ҳамчун хосияти модарзодӣ ва ғаризавии фард маънидод карда мешавад (Ч. Дарвин [12], Ч.Ломброзо[24], К.С.Лебединская[23], З. Фрейд[43]) .Гурӯҳи дуюмро назарияҳоеро фаро мегирад, ки агрессияро ҳамчун хусусияти бадастовардашудаи рафтор баррасӣ мекунанд (Л.Берковитс[11], И.А.Фурманов[45]). Мо дар кори диссертатсионӣ зимни таҳлили амиқи назариёти гуногун ба хулосае омадем, ки дар рафтори агрессивӣ ҳар ду омил – ҳам ирсят ва ҳам муҳити иҳотакарда баробар таъсири ҳалкунанда доранд.

Муайянсозии равишҳои гуногуни шарҳи мафҳуми агрессия, таҳлили ҷузъҳои сохтории он ва баррасии намуду шаклҳои зуҳури ин падида имкон фароҳам меорад, ки рафтори агрессивӣ дар марҳилаи наврасӣ ҳамаҷониба омӯхта шуда, паҳлӯҳои иҷтимоии он равшан гарданд ва нақши он дар ташаккули шахсияти наврасон ба ҳисоб гирифта шавад. Таҳқиқи хусусиятҳои зуҳури рафтори агрессивӣ дар ин синну сол, дар навбати худ, заминаи дарк ва арзёбии муносибатҳои байнишахсӣ миёни наврасонро фароҳам месозад. Натиҷаҳои таҳлили адабиёти равоншиносию педагогӣ шаҳодат медиҳанд, ки хосиятҳои рафтори наврасон, аз ҷумла тамоюл ба рафтори агрессивӣ ва зуҳури бухронҳои синнусолӣ дар

рушди равонӣ, ба хусусият ва сифатҳои муносибатҳои онҳо бо атрофиён вобастагии амиқ доранд. Ба андешаи мо, сарчашмаи аслии чунин зуҳурот норозигии наврас аз қонеъ нагардидани ниёзҳои асосӣ ва афзоиши талаботи шахсиятӣ мебошад. Агар муҳити иҷтимоӣ имкони ифодаи мақсадҳо, манфиатҳо ва мавқеи шахсии наврасро маҳдуд созад, эҳтимоли афзоиши рафтори агрессивӣ зиёд мегардад. Аз ин рӯ, омӯхтани механизми таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ ба рафтори агрессивӣ на танҳо барои фаҳмиши равандҳои рушд дар давраи наврасӣ, балки барои ташкили муоширати солими педагогӣ ва оилавӣ низ дорои аҳаммияти назаррас мебошад. Дар ҳолатҳое, ки наврас аз қонеъсозии эҳтиёҷоти муҳимми равонӣ ва иҷтимоӣ маҳрум мегардад ва эҳтимолияти бароварда шудани ин ниёзҳо дар арзёбии шахсӣ паст менамояд, ҳолати равонӣ бо зуҳуроти манфӣ ба вуҷуд меояд. Ин ҳолат бо таҷрибаҳои кина, ноумедӣ, изтироб ва ғазаб фарқ мекунад, ки дар равоншиносӣ бо мафҳуми умумии «фрустратсия» ифода меёбад. Вокуниши маъмулӣ ва хоси наврас ба чунин ноумедиҳо рафтори агрессивӣ мебошад.

Ҳамзамон қобили қайд аст, ки зуҳуроти агрессия дар намояндагони ҷинсҳои гуногун хусусиятҳои хоси худро доранд. Барои писарон бештар агрессия на аз рӯйи меъёри "шифоҳӣ - ҷисмонӣ", балки ифодаи он дар шакли мустақим ва ошкоро хос аст. Барои духтарон, бошад агрессияи шифоҳӣ дар ҳама гуна шаклҳои он – мустақим ё ғайримустақим хос мебошад. Таъкид мегардад, ки оила ҳамеша макони асосии иҷтимоишавӣ мебошад, инчунин метавонад сарчашмаи асосии намунаҳои зиндаи рафтори агрессивӣ барои аксари кӯдакон бошад. Ташаккули рафтори агрессивӣ дар наврасон раванди мураккабест, ки ба он омилҳои зиёде таъсир мерасонанд. Ба рафтори агрессивии наврасон метавонад, оила, ҳамсолон ва

расонаҳо таъсир расонанд. Рафтори агресивона дар духтарон низ дар давраи наврасӣ бештар ба мушоҳида мерасад. Сабабҳои асосии агрессияи наврасон инҳо маҳсуб мешаванд: хоҳиши ҷалби таваҷҷуҳи ҳамсолон; хоҳиши ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ; хоҳиши роҳбар будан; ҳимоя ва қасос; хоҳиши поймол кардани ба шаъну шарафи шахси дигар бо максади таъкид кардани бартарии худ.

Боби дуюми диссертатсия **«Методология ва методҳои ташхис, пешгирӣ ва ислоҳи рафтори агрессивии наврасон»** ном дорад. Дар ин боб роҳҳои ислоҳ ва пешгирии рафтори бадхашмонаи наврасон баён гардида, ҳамчунин тавсифи усулҳои ташхиси он пешниҳод шудааст.

Зерфасли аввали боби дуюм **"Роҳҳои пешгирӣ ва ислоҳи рафтори агрессивӣ дар наврасон"** унвон дошта, дар он бо дарназардошти таҳқиқоти навин дар ин самт, роҳу усулҳои пешгирӣ ва ислоҳи рафтори агрессивӣ дар наврасон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд. Барои пешгирӣ ва ислоҳи рафтори наврас, пеш аз ҳама, омилҳое, ки боиси содиргардидани рафтори мазкур мегардад ошкор, сохтан зарур аст. Дар маҷмуъ, таҳлили адабиёти психологию педагогӣ омилҳои зеринро ошкор сохт, ки сабабгори агрессия дар давраи наврасӣ мегарданд. Нуктаҳои асосии таъсиррасон ба агрессияи наврасон ба шаклҳои зерин гурӯҳбандӣ мешаванд: хусусиятҳои шахсиятӣ, синнусолӣ, муҳити оилавӣ, вазъиятҳои осебовари иҷтимоӣ, таъсири идеологӣ ва вазъи сиёсӣ дар ҷомеа. Агрессияи наврасон, новобаста аз он ки дар шакли ботинӣ ё зоҳирӣ зуҳур мекунад, метавонад ба намуди рафторҳои ба таври ҷиддӣ манфӣ зоҳир гардад. Масалан, рафторҳои асоциативӣ ва ҷиноятӣ метавонанд дар шаклҳои таҳқир, осебҳои ҷисмонӣ, куштор, таҷовуз ба номус, зарар расонидан ва нобуд

кардани моликият, гурехтан аз хона, истеъмоли машрубот ва маводди нашъадор ва дигар амалҳои номатлуб зоҳир гарданд.

Мувофиқ ба омилҳои болозикр ва аз рӯйи натиҷаи таҳлили адабиёти марбута метавон хулоса кард, ки кори ислоҳнамоии рафтори кӯдакони агрессивнок бояд аз рӯйи тартиби дақиқ амалӣ гардида, унсурҳои зеринро фаро гирад: алоқа бо кӯдак ва дар ӯ ба вуҷуд овардани эҳсоси боварӣ ба мутахассис; эътинонамоии эмотсионалии агрессия ва оромнамоӣ; бартарафнамудани стререотипҳои потологии эътинонамоӣ ва қабул намудани худ; ташаккул ва таҳкими малакаҳои рафтори мутобиқшавӣ. Таъкид мегардад, ки пешгирии рафтори агрессивӣ дар кӯдакону наврасон танҳо дар сурати ҳамкории зичи ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз қабили оила, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, расонаҳо, шуъбаи кор бо ноболиғони ВКД ва умуман ҷомеа имконпазир мегардад.

Зерфасли дуюми боби дуюм, ки **«Тавсифи методҳои ташхиси хусусиятҳои усулҳои таҳқиқи ҷиҳатҳои равонии наврасони майлдошта ба рафтори агрессивӣ»** ном дорад, тавсифи методҳое, ки дар ин таҳқиқ истифода шудаанд, пешниҳод менамояд.

Дар ин қисмат дар шакли ҷадвал тавзеҳот оид ба теъдод ва дарсади хусусиятҳои хонандагон, аз қабили ҷинсияти хонандагон ва мактабҳои дар боло зикргардида оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Тавсифи теъдоди озмудашавандагон ва фарқияти ҷинсии онҳо**

| **Ҷинс** | Духтар | Писар | **Ҷамъ** |
|---|---|---|---|
| **Теъдод** | 166 | 234 | 400 |
| **Дарсад** | 41,5 | 58,5 | 100 |

Дар ҷадвали 1 фарқиятҳои ҷинсӣ ифода ёфтаанд, ки дар умум 400 хонандаро ташкил дода, аз ин теъдод 234

хонандаро писарҳо (58,8%) ва 166 хонандаи дигарро духтарҳо (41,5%) ташкил медиҳанд. Чунон ки мебинем, аксарияти посухдиҳандагони ин таҳқиқро писарҳо ташкил медиҳанд. Дар ҷадвали навбатӣ тавзеҳот ва мушахассоти муассисаҳои таълимӣ оварда мешаванд.

**Ҷадвали 2. Шумораи муассисаҳои таълимӣ вобаста ба озмудашавандагон ва раванди таҳқиқ**

| Мактабҳо ва литсеҳо | мактаби №35 | мактаби №42 | мактаби №92 | мактаби №6 | гимназияи №4 | Литсеи №4 | Литсеи №5 | Литсеи №2 | **Ҷамъ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Теъдод | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | **400** |
| Дарсад | 12.5 | 12.5 | 12.5 | 12.5 | 12.5 | 12.5 | 12.5 | 12.5 | **100** |

Таҳлили назарии масъалаи таҳқиқ нишон дод, ки шаклгирии майл ба рафтори хашмолуд, майлдошта зери таъсири маҷмуи омилҳо сурат мегирад Аз ин рӯ, барои муайян кардани сифатҳои шахсии наврасони ба рафтори хашмолуд майлдошта ташхиси маҷмуи сифатҳои мувофиқ зарур мебошад.

Барои ташхиси ҷиҳатҳои равонии наврасони ба рафтори хашмолуд, майлдошта одатан аз пурсиши ташхисии патохарактерологӣ (А.Е. Личко) ва тести ташхиси хашмолудӣ (агрессивият)-и Басс–Дарки истифода бурда мешавад. Дар ин таҳқиқ омӯзиши васеътарин сифатҳои шахсии наврасони ба хашмолудӣ майлдошта анҷом дода мешавад.

Аз ин рӯ, усулҳои зерин истифода шудаанд:

- методикаи ташхиси фаврии (экспресс-диагностикаи) хусусиятҳои характери шахсият аз рӯйи Г.Ю. Айзенк дар тахрири Т.В. Мотолина;
- тести ташхиси хашмолудии Басс–Дарки.

Боби сеюми диссертатсия “**Таҳқиқи амалии хусусиятҳои психологии наврасони майл ба рафтори агрессивидошта”** унвон гирифа, дар он бо истифода аз методикаҳои эътимодноки психологӣ фарзияҳои дар назди таҳқиқ гузошташуда мавриди баррасӣ ва озмоиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада тавассути методҳои коркарди омории маълумот мавриди таҳлилу коркард қарор гирифтаанд.

Дар зерфасли аввали боби дуюум – **“Коркарди натиҷаҳои ташхиси хусусиятҳои наврасони майл ба рафтори агрессивидошта”** бо истифода аз методҳои омории коркарди маълумоти аз таҳқиқ бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.

Барои ташхиси хусусиятҳои психологии наврасони дорои зуҳуроти рафтори агрессивӣ методикаҳои зерин интихоб гардиданд:

– методикаи ташхиси таъҷилии хусусиятҳои характерологии шахси Айзенк дар модификатсияи Т.В. Матолин;

– тести ташхиси агрессивнокии Басс – Дарк.

Озмудашавандагони моро хонандагони литсейҳо ва мактабҳое ташкил доданд, ки дар чор ноҳияи шаҳри Душанбе аз ҷумла дар МДТ литсейи №4 ва МТМУ №35-и ноҳияи Шоҳмансур, гимназияи №4 ва МТМУ №42-и ноҳияи Фирдавсӣ, литсейи №5 ва МТМУ №6-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ, литсейи №2 ва МТМУ №92-и ноҳияи Сино дар соли 2022 таҳсил мекарданд. Теъдоди умумии хонандагони муассисаҳои таълимии мазкур беш аз 10000 нафарро ташкил медод.

Дар таҳқиқ мазкур 8 навъи фарзия баён гардид ва барои таҷзияу таҳлили ин пажуҳиш аз ду санҷиш истифода шуд, ки дар панҷ фарзияҳо аз озмуни муқоисаи холҳои миёнаи ду намунаи мустақил истифода шуд. Барои

3 фарзияи дигари он аз формулаи коэффисиенти коррелятсия истифода шудааст, ки ҷиҳати таъид ва инкор кардани фарзияҳои таҳқиқӣ истифода шуд.

**Ҷадвали № 3. Натиҷаи зуҳуроти дараҷаи агрессия дар хонандагони наврас**

| Омор | Ғайри агрессивӣ | миёна | агрессивӣ | ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Теъдод** | 296 | 80 | 24 | 400 |
| **Дар сад** | 74,0 | 20,0 | 6,0 | 100 |

Чунон ки аз ҷадвали боло бармеояд, аз теъдоди умумии 400 нафар хонандагони мактабу литсейҳои чор ноҳияи шаҳри Душанбе 296 нафар хонанда (74%) рафтори агрессивиро зоҳир намекунанд. Дар 80 нафар хонанда (20%) агрессия дар дараҷаи миёна зоҳир мегардад ва дар 24 нафар (6%) бошад, дараҷаи баланди агрессияро мушоҳида шуд. Натиҷаҳои мазкур дар диаграммаи зерин низ инъикос гардидаанд.

***Диаграммаи 1. Теъдоди умумӣ ва дарсади озмудашавандагон аз рӯйи пурсишномаи Басс-Дарк***




Дар ҷадвал ва тасвири зерин теъдод ва фоизи хонандагоне, инъикос гардидааст, ки дар сатҳи гуногуни экстраверсия қарор доранд.

**Ҷадвали 4. Тавзеҳи теъдод ва дарсади сатҳи экстраверсия дар хонандагон**

| Омор | Кам | Миёна | Зиёд | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| Теъдод | 285 | 91 | 24 | 400 |
| Дарсад | 71,3 | 22,8 | 6,0 | 100 |

***Диаграммаи 2. Тафовути теъдод ва дарсади намунаҳо дар хусуси сатҳи экстроверсия дар хонандагони макотиб***




Ҳамон тавр ки аз нишондоди омории ҷадвали 4 ва тасвири 89 бармеояд, 285 хонанда, яъне 71, 3 % дарсади озмудашавандагон дар гузинаи экстроверсия ба миқдори кам қарор доранд, 91 хонандаи дигар, яъне 22,8 % -и онҳо дар ҳадди миёна мебошанд ва 24 хонандаи дигар, яъне 6,0 % онҳо дар экстроверсияи зиёд қарор доранд. Аз ин рӯ, қобили зикр аст, ки натиҷаи омории дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки аз маҷмуи 400 хонанда 24 хонандае, ки дарсадии он 6,0 % мебошад, хусусиёти экстроверсияро соҳибанд.

Ҷадвал ва диаграмаи зерин бошанд, теъдод ва дарсади хонандагонеро инъикос мекунанд, ки дар сатҳи гуногуни нейротизм қарор доранд.

**Ҷадвали 5. Тавзеҳи теъдод ва дарсади сатҳи нейротизм дар хонандагон**

| Омор | Кам | Миёна | Зиёд | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|
| Теъдод | 271 | 99 | 30 | 400 |
| Дарсад | 67,88 | 24,8 | 7,5 | 100 |

***Диаграммаи 3. Тафовути теъдод ва дарсади намунаҳо дар хусуси сатҳи нейротизм дар хонандагон***




Зерфасли дуюми боби мазкур бо номи **“Шарҳи натиҷаҳо ва баррасии фарзияҳои таҳқиқ”** ба санҷиши фарзияҳои пешниҳодгардида аз рӯйи натиҷаи ташхиси психологии дар боло тавзеҳшуда бахшида шудааст.

Барои баррасии фарзияи аввали таҳқиқ, яъне он, ки миёни хонандагон аз нуқтаи назари ҷинсият ва сатҳи агрессия тафовути назаррас вуҷуд дорад, аз равиши “тӣ” барои гурӯҳҳои мустақил истифода шуд, яъне санҷиши намунаҳои мустақил (Independent Samples T Test). Дар ҷадвали 6 хулосае аз ёфтаҳои ин коркард оварда шудааст.

**Ҷадвали 6. Натиҷаи таҳили фарзияи аввали таҳқиқ**

| Ҷинс | Теъдод | Ҳолҳои миёна | Тамоюли меъёри (стандартӣ) - и холҳо | Сатҳи фарққунанда |
|---|---|---|---|---|
| Писар | 234 | 7,40 | 4,979 | 0/000 |
| Духтар | 166 | 3,73 | 2,838 | |

***Дар ин ҷадвал холҳои миёна бо (M), тамоюли меъёри (стандартӣ)-и холҳо бо (sd) ва сатҳи фарққунанда бо (p) ишора мегардад.**

Мувофиқи натиҷаҳои санҷиши К. Левин мушаххас аст, ки ҳангоми сатҳи аҳамиятнок (sig = 0.000 ) хурдтар аз миқдори (0.05) будан, фарзияи H0 рад шуда, фарзияи H1 қабул шудааст. Бо дарназардошти ин ворёнси гурӯҳҳои мустақил (писару духтар) бо ҳам баробар нест. Натиҷаи санҷиши намунаи мустақил нишон медиҳад, ки миқдор sig=0.000 буда, хурдтар аз sig= 0,05 мебошад. Бинобар ин фарзияи як пазируфта мешавад. Пас, мо бо итминони 95% гуфта метавонем, ки миёни писарону духтарон аз рӯйи сатҳи агрессия тафовути фарққунанда вуҷуд дорад.

Бояд қайд кард, ки агрессия дар писарҳо нисбат ба духтарҳо бештар дида мешавад.

*Фарзияи дуюм*: "Миёни хонандагони литсейи №4 ва мтму №35 аз рӯйи сатҳи агрессия тафовути маънидор вуҷуд дорад.

Барои баррасии фарзияи дуюми болозикри таҳқиқ низ аз равиши "тӣ" барои гурӯҳҳои мустақил истифода шуд, яъне санҷиши намунаҳои мустақил (Independent Samples T Test). Дар ҷадвали 7 натиҷаҳои таҳқиқ мазкур оварда шудаанд.

Мувофиқи натиҷаҳои санҷиши К. Левин мушаххас аст, ки ҳангоми сатҳи маънидорӣ (sig = 0,013 ) бузургтар аз миқдори (0,05) аст, яъне фарзияи H1 рад шуда, фарзияи H0 қабул карда мешавад. Аз ин рӯ, ворёнси гуруҳҳои мустақил (литсей ва мактаб) бо ҳам баробар аст. Дар зимни натиҷаи озмоиш намунаи мустақил нишон медиҳад, ки миқдор sig = 0 . 001 мебошад, ки хурдтар аз sig= 0,05 ( хатои меъёрӣ) мебошад. Аз ин рӯ, фарзияи сифр рад мешавад ва бо итминони 95 % гуфта метавонем, ки миёни сатҳи агрессия дар хонандагони литсей ва мактаб тафовути маънидор вуҷуд дорад.

*Фарзияи сеюм:* байни экстраверсия ва агрессия дар гурӯҳҳои хонандагон робитаи фарққунанда вуҷуд дорад.

Барои баррасии фарзияи сеюми таҳқиқ низ аз равиши "тӣ" барои гурӯҳҳои мустақил истифода шуд, яъне санҷиши намунаҳои мустақил (Independent Samples T Test). Дар ҷадвали 8 натиҷаҳои таҳқиқи мазкур оварда шудаанд.

**Ҷадвали 7.Натиҷаи таҳлили фарзияи сеюми таҳқиқот**

| Мактаб | Теъдод | Холҳои миёна M | Тамоюли стандартии холҳо sd | Сатҳи фарққунандаӣ P |
|---|---|---|---|---|
| Гимназияи №4 | 50 | 3,44 | 2,61 | 0/000 |
| МТМУ №42 | 50 | 8,74 | 4,34 | |

***Дар ин ҷадвал холҳои миёна бо (М), тамоюли меъёри (стандартӣ)-и холҳо бо (sd) ва сатҳи фарққунанда бо (p) ишора мегардад.**

Мувофиқи натиҷаҳои санҷиши К. Левин мушаххас аст, ки ҳангоми сатҳи фарққунанда (sig = 0.000 ) хурдтар аз миқдорӣ (0.05) будан, фарзияи H0 рад шуда, фарзияи H1 қабул шудааст, паст мешавад. Бо дарназардошти ин, ворёнси гурӯҳҳои мустақил (гимназияи №4 ва МТМУ №42) бо ҳам баробар нест. Натиҷаи санҷиши намунаи мустақил нишон медиҳад, ки миқдор sig=0.000 буда, хурдтар аз sig= 0,05 (хатои меъёрӣ) мебошад. Бинобар ин, фарзияи як пазируфта мешавад. Пас, мо бо итминони 95% гуфта метавонем, ки миёни сатҳи агрессияи хонандагони гимназияи №4 ва МТМУ №42 тафовути фарққунанда вуҷуд дорад.

*Фарзияи чорум:* дар фарзияи чорум байни нейротизм ва агрессия дар гурӯҳҳои хонандагон робитаи маънидор вуҷуд дорад

Барои баррасии фарзияи чоруми таҳқиқ, ки миёни нейротизм ва агрессия дар гурӯҳҳои хонандагон робитаи фарққунанда вуҷуд дорад, мо аз коэффисиенти

коррелятсияи Пирсон истифода намудем. Дар ҷадвали 9 натиҷаи таҳлили фарзияи мазкур оварда шудааст.

**Ҷадвали 8. Натиҷаҳои санҷиши алоқамандӣ миёни агрессия ва нейротизм дар хонандагон тавассути коэффисиенти коррелятсия (ҳамбастаги)-и Пирсон**

| Тағйирёбанда и мустақил | Тағйирё бандаи вобаста | Теъдод и намуна | Нишондиҳандаи ҳамбастагӣ | Сатҳи фарқкунанда Sig | A | Робита ва сатҳи фарқкунанда |
|---|---|---|---|---|---|---|
| нейротизм | агрессия | 400 | -0,191 | 0,000 | 0,05 | Робита манфӣ ва маънидор |

Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар сатҳи p<0,05 миёни агрессия ва нейротизм ҳамбастагии манфӣ вуҷуд дорад, яъне сатҳи маънидории мо хурдтар аз хатои 0,05 мебошад ва ҳамчунон, қимати r, яъне нишондиҳандаи ҳамбастагӣ баробар ба - 0, 191 аст, ки миқдори наздик ба як робитаи қавиро нишон медиҳад. Ба ибораи дигар, миёни нейротизм ва агрессияи хонандагон робитаи маънидор вуҷуд дорад. Бинобар ин, ҳар қадар нишондиҳандаҳои нейротизм камтар бошанд, сатҳи агрессия кам мешавад.

*Фарзияи панҷум:* миёни хонандагони литсейи №2 ва МТМУ №92 аз рӯйи сатҳи агрессия тафовути фарқкунанда вуҷуд дорад.

Барои баррасии фарзияи чаҳоруми таҳқиқ, яъне оне, ки миёни хонандагони литсейи №2 ва МТМУ №92 аз рӯйи сатҳи агрессия тафовути фарқкунанда вуҷуд дорад, мо чун дар мисолҳои боло аз равиши “тӣ” барои гурӯҳҳои мустақил истифода бурдем, яъне санҷиши намунаҳои мустақил (Independent Samples T Test). Дар ҷадвали 10 натиҷаҳои таҳқиқ мазкур оварда шудаанд.

**Ҷадвали 9. Натиҷаи таҳлили фарзияи панҷуми таҳқиқот**

| Мактаб | Теъдод | Холҳои миёна M | Тамоюли стандартии холҳо **sd** | Сатҳи фарққунанда P |
|---|---|---|---|---|
| Литсеи №2 | 50 | 5,72 | 2,88 | 0/000 |
| МТМУ №92 | 50 | 8,96 | 4,34 | |

***Дар ин ҷадвал холҳои миёна бо (M), тамоюли меъёри (стандарти)-и холҳо бо (sd) ва сатҳи фарққунанда бо (p) ишора мегардад.**

Мувофиқи натиҷаҳои санҷиши К. Левин мушаххас аст, ки ҳангоми сатҳи фарққунанда (sig = 0.000 ) хурдтар аз миқдори (0.05) будан, фарзияи H0 рад шуда, фарзияи H1 қабул шудааст пас мешавад. Бо дарназардошти ин, ворёнси гурӯҳҳои мустақил (литсеи №2 ва МТМУ №92) бо ҳам баробар нест. Натиҷаи санҷиши намунаи мустақил нишон медиҳад, ки миқдор sig=0.000 буда, хурдтар аз sig= 0,05 (хатои меъёрӣ) мебошад. Бинобар ин, фарзияи як пазируфта мешавад. Пас, мо бо итминони 95% гуфта метавонем, ки миёни сатҳи агрессияи хонандагони литсей №2 ва МТМУ №92 тафовути маънидор вуҷуд дорад.

*Фарзияи шашум*: байни экстраверсия ва агрессия дар гурӯҳҳои хонандагон робитаи фарққунанда вуҷуд дорад.

Барои баррасии фарзияи шашуми таҳқиқотӣ, яъне оне, ки байни экстраверсия ва агрессия дар гурӯҳҳои хонандагон робитаи фарққунанда вуҷуд дорад, мо аз коэффисиенти коррелятсияи Пирсон истифода намудем. Дар ҷадвали 11 натиҷаи таҳлили фарзияи мазкур оварда шудааст.

**Ҷадвали 10. Натиҷаҳои санҷиши алоқамандӣ миёни экстроверсия ва агрессия дар хонандагон тавассути коэффисиенти коррелятсия (ҳамбастагӣ)-и Пирсон**

| Тағйирё бандаи мустақил | Тағйирё бандаи вобаста | Теъдоди намуна | нишондиҳандаи ҳамбас | Сатҳи фарққунандаи | A | Робита ва сатҳи фарққунанда |
|---|---|---|---|---|---|---|

| Идомаи ҷадвали 10. | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | тагӣ | Sig | | |
| экстроверсия | агрессия | 400 | - 0,241 | 0,000 | 0,05 | Робита манфӣ ва фарқкунанда |

Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар сатҳи $p<0,05$ миёни агрессия ва экстроверсия ҳамбастагии манфӣ вуҷуд дорад, яъне сатҳи фарқкунандаи мо хурдтар аз хатои 0,05 мебошад ва ҳамчунон, қиммати r, яъне зариби ҳамбастагӣ баробар ба - 0,241 аст, ки миқдори наздик ба як робитаи қавиро нишон медиҳад. Яъне миёни экстраверсия ва агрессияи хонандагон робитаи фарқкунанда вуҷуд дорад. Қобили қайд аст, ки ҳар қадар хусусиятҳои экстраверсия камтар босубот бошад, агрессия низ коҳиш меёабад. Бинобар ин, фарзияи шашуми таҳқиқи мавриди таъйид қарор гирифтааст.

*Фарзияи ҳафтум:* дар фарзияи ҳафтум байни нейротизм ва агрессия дар гурӯҳҳои хонандагон робитаи эҳтимолӣ вуҷуд дорад

Барои баррасии фарзияи ҳафтуми таҳқиқ, ки миёни нейротизм ва агрессия дар гурӯҳҳои хонандагон робитаи фарқкунанда вуҷуд дорад, мо аз коэффисиенти коррелятсияи Пирсон истифода намудем. Дар ҷадвали 12 натиҷаи таҳлили фарзияи мазкур оварда шудааст.

**Ҷадвали 11. Натиҷаҳои санҷиши алоқамандӣ миёни агрессия ва нейротизм дар хонандагон тавассути коэффисиенти коррелятсия (ҳамбастаги)-и Пирсон**

| Тағйи рёбандаи мустақил | Тағйирёбандаи вобаста | Теъдоди намуна | Нишондиҳандаи ҳамбастагӣ | Сатҳи фарқкунандаи Sig | A | Робита ва сатҳи фарқкунанда |
|---|---|---|---|---|---|---|
| нейротизм | агрессия | 400 | -0,191 | 0,000 | 0,05 | Робита манфӣ ва фарқкунанда |

Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар сатҳи $p<0,05$ миёни агрессия ва нейротизм ҳамбастагии манфӣ вуҷуд дорад, яъне сатҳи фарққунандаии мо хурдтар аз хатои 0,05 мебошад ва ҳамчунон, қиммати r, яъне нишондиҳандаи ҳамбастагӣ баробар ба - 0, 191 аст, ки миқдори наздик ба як робитаи қавиро нишон медиҳад. Ба ибораи дигар, миёни нейротизм ва агрессияи хонандагон робитаи фарққунанда вуҷуд дорад. Бинобар ин, ҳар қадар нишондиҳандаҳои нейротизм камтар бошад, сатҳи агрессия кам мешавад.

*Фарзияи ҳаштум*: миёни ростгӯйӣ ва агрессия дар гурӯҳҳои хонандагон робитаи фарққунанда вуҷуд дорад.

Барои баррасии фарзияи ҳаштуми таҳқиқ, ки миёни ростгӯйӣ ва агрессия дар гурӯҳҳои хонандагон робитаи фарққунанда вуҷуд дорад, мо аз коэффисиенти коррелятсияи Пирсон истифода намудем. Дар ҷадвали 13 натиҷаи таҳлили фарзияи мазкур оварда шудааст.

**Ҷадвали 12. Натиҷаҳои санҷиши алоқамандӣ миёни ростгӯй ва агрессия дар хонандагон тавассути коэффисиенти коррелятсияи (ҳамбастагӣ)-и Пирсон**

